**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-061 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих доир ба ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих)**

Парвандаи аттестатсионии №________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.07.2026, №6 барои сазовор донистани Махсумзода Нигина Давлат, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих.

Диссертатсияи **Махсумзода Нигина Давлат** дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-061 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи: 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми декабри соли 2025, таҳти №466/шд) 6-уми майи соли 2026, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Махсумзода Нигина Давлат 30-юми сентябри соли 1965 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик. Ӯ солҳои 1972-1982 таҳсилоти миёнаро дар мактаби миёнаи №46 ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) гирифтааст. Соли 1983 ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба факултети забонҳои шарқ, ихтисоси забони арабӣ дохил шуда, онро соли 1988 хатм кардааст. Баъди хатми донишгоҳ ба ҳайси нозири факултети байналмилалии филиали Душанбегии Донишкадаи савдои советии кооперативии Новосибирск (ҳозира Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон) ва солҳои 1992-1993 дар вазифаи ассистенти кафедраи забонҳои донишкадаи мазкур фаъолият кардааст. Солҳои 1996 то 2010 дар вазифаи муаллими калони кафедраи

таърих ва филология, солҳои 2010-2018 муовини декан оид ба тарбияи факултети молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2018 то инҷониб муаллими калони кафедраи андоз ва андозбандии факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад. Оиладор, соҳиби ду фарзанд.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ дар таърихи 29.11.23, тахти №23-02/11 ба Махсумзода Нигина Давлат шаҳодатнома додааст, ки ӯ ҳақиқатан имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм бо баҳои "хуб", забони хориҷӣ (англисӣ)-ро бо баҳои "аъло", таърихи илм ва техникаро бо баҳои "аъло" супоридааст.

Диссертатсия дар кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Комилӣ Абдулҳай Шарифзода, доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Қурбонов Баҳром Раҳмонович**, доктори илмҳои таърих, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа.
2. **Раҳимзода** Қурбоналӣ **Назар,** номзади илмҳои таърих, омӯзгори калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ».

Тақризи муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи **Махсумзода Нигина Давлат** дар

мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) бо имзои **раиси ҷаласа,** номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шарипов А.П., **ташхисгарон,** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Холмуродзода М.Б., номзади илмҳои таърих, саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Қурбонов Д.М. ва **котиби ҷаласа,** номзади илмҳои физикаю математика, саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шарифов С.Р. омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафарзода М.В. аз 12-уми июни соли 2026 тасдиқ шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии **Махсумзода Нигина Давлат** дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар

маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) сазовор мебошад.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати **Махсумзода Нигина Давлат** ворид шудаанд:

1. **Қурбонхолов Турабек Тошевич** – муаллими калони кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.
2. **Исмоилов Ёдгор Ҳофизович** – мудири кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент. Тақриз мусбат аст.
3. **Ғаффоров Бахтиёр Ваҳобович** – сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент. Тақриз мусбат аст.
4. **Исмоилов Лутфулло Эшонович**, дотсенти кафедраи забони арабӣ, исломшиносӣ ва таҳқиқоти африқо-осиёии Донишкадаи муносибатҳои байналмилалӣ, таърих ва шарқшиносии Донишгоҳи федералии Қазон (Приволжский), номзади илмҳои таърих, дотсент. Тақриз мусбат аст.

**Махсумзода Нигина Давлат** муаллифи 20 мақолаи илмӣ буда, 9-тои он дар маҷаллаҳои тақризшандаи КОА-и назди Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Инчунин, номбурда бахшҳои мухталифи кори хешро дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ маъруза намудааст.

1. Максумова Н.Д. Закариёи Розӣ – физик ва педагог [Матн] / Максумова Н.Д., Одинаева Л.А. // «Номаи донишгоҳ» - и ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, 2012. – №1 (29). – С. 162-167 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ).

2. Максумова Н.Д. Учение Абубакра Ар-Рази о пространстве, времени, материи и атомистике [Матн] / Комилӣ А.Ш., Максумова Н.Д., Раҳмонов Х.О. // Наука и школа. – Москва, 2012. – №6 – С. 158-161.
3. Максумова Н.Д. Тарбияи динию ахлоқӣ ва башардӯстӣ дар осори Абӯбакри Розӣ [Матн] / Комилӣ А.Ш., Максумова Н.Д..// Паёми ДМТ, 2015 – №3/6 (176). – С. 177-180 (силсилаи илмҳои педагогӣ).
4. Максумова Н.Д. О естественнонаучным, философским и педогогическим учением Абубакра Ар-Рази [Матн] / Комилӣ А.Ш., Максумова Н.Д.// Паёми ДДТТ. – Душанбе, 2015 – №3(12). – С 132-141 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ).
5. Максумова Н.Д. Масъалаҳои тарбияи ахлоқию башардӯстӣ дар осори Абубакри Розӣ [Матн] / Комилӣ А.Ш., Маннонова Р.А, Максумова Н.Д. // «Номаи донишгоҳ» - и ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, 2016. – №2 (63). – С. 144-149 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ).
6. Максумова Н.Д. Саҳми Муҳаммад Закариёи Розӣ дар пешрафти илми табиатшиносӣ ва риёзӣ [Матн] / Максумова Н.Д. // Паёми ДДТТ– Душанбе, 2022. – №4/1(43). – С. 355-359 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ).
7. Максумова Н.Д. Андар марҳалаҳои таҳқиқи рӯзгору осори Муҳаммад Закариёи Розӣ / Максумова Н.Д.// Паёми ДДБ. – Бохтар, 2022. – №2/4(104). – С. 99-104 (силсилаи илмҳои гуманитарӣ).
8. Максумова Н.Д. Роҷеъ ба раддабандии илмҳо аз назари Абубакри Розӣ [Матн] / Максумова Н.Д., Абдураҳимова С.А. // Паёми ДДБ. – Бохтар, 2024. – №2/2(123). – С. 114-116
9. Максумова Н.Д. Муҳити илмию фарҳангии замони Абубакри Розӣ [Матн] / А.Ш. Комилӣ., Н.Д. Максумова,// Паёми ДДБ. – Бохтар, 2024. – №2/4(129),қисми 2. – С. 103-108.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърих буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну мӯҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– таҳаввул ва инкишофи таърихи илм ва техника дар осори энсиклопедӣ ва рисолаҳои махсуси Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар кишвар ва хориҷи он, самаранокии истифодаи он ҷиҳати омӯзиши донишҳои табииётшиносӣ барои бунёди ҷомеаи нав дар ҷумҳурӣ манфиатовар мебошад;

– таърихи азхудкунии донишҳои табииётшиносӣ ва ҳамгироии он бо дигар соҳаҳои илм дар осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ - ҷузъе аз таърихи илми тоҷик буда, барои омодасозии мутахассисони баландихтисоси ин соҳа дар кишвар маҳсуб меёбад;

– ҳангоми азхудкунии донишҳои риёзиву табииётшиносӣ дар осори Абубакри Розӣ, саҳми мутахассисони соҳа дар ин самт хеле босазо арзёбӣ гардида, нишон дода тавонистану қадр кардани онҳо, ҳамчунин ба ҷомеа расонида тавонистани мақсаду арзиши кори онҳо вазифаи муҳаққиқону пажӯҳишгарони таърихи илм ва техника дар рисолаи мазкур ҳаддалимкон баррасӣ гардидааст;

– омӯзиш ва ташаккулу рушди таърихи илм ва техника дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсули меҳнати муҳаққиқони соҳа ба шумор меравад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст.** Диссертатсия дорои арзиши илмӣ-назариявӣ мебошад. Маводи таҳқиқот, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи таърихи илм ва техника хизмат намоянд. Чунончи:

– натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми навиштани корҳои бунёдии ҷамъбастӣ оид ба таърихи илмҳои табииётшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он ва ҳамчунин ҳангоми хондани курсҳои махсус дар донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар, хусусан дар факултет ва риштаҳои тахассусии табииётшиносӣ метавон истифода бурд;

– натиҷаи таҳқиқот метавонад дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ ва дастурҳои тавсиявӣ барои магистрантону докторантони PhD ва донишҷӯёну унвонҷӯён, дар бораи навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат кунад;

– натиҷаи кор инчунин барои омӯзгорони МТМУ МТММ ва МТОК-и кишвар манфиатовар буда метавонад;

– ниҳоят натиҷаи таҳқиқот, албатта ҳангоми навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ барои муҳаққиқони соҳаи таърихи илм ва техника метавонад васеъ истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асоси методологии диссертатсияро принсипи таърихият, таҳлили илмии таърихи илм ташкил дода, имконият медиҳад, ки далелҳои таърихӣ вобаста ҳамгироии донишҳои табиию риёзӣ дар робитаи якдигар баррасӣ гарданд. Ҳамзамон дар ҷараёни таҳқиқот методҳои гуногуни маърифатӣ: таҳлил, шарҳ, татбиқ, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаи таҳқиқоти мазкур муаллиф бори нахуст саҳми Абубакри Розиро дар як системаи муайяни илмӣ бо назардошти раддабандии донишҳои

замонааш нишон додааст. Илова бар ин, саҳми шахсии диссертант дар он аст, ки ӯ омӯзиши осори илмии Абубакри Розӣ ва маҳаллаҳои таҳқиқи осори ӯро, чӣ дар асрҳои миёна ва чӣ дар замони муосир ба тафсил нишон додааст, ки барои муҳаққиқони ояндаи мероси илмии ин донишманди воломақом дастури муфиде хоҳад буд. Ҳамин тавр, муаллифи диссертатсия бори аввал саҳми Абубакри Розиро дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ дар як системаи муайян ба риштаи таҳлил кашида, мавқеи ӯро дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзиву табииётшиносӣ нишон додааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсиони 6D.КОА-061 аз санаи 17-уми июли соли 2026 оид ба сазовор донистани Махсумзода Нигина Давлат ба дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 – Таърих илм (таърих) қарор кабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар докторони илм-мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияп баррасишаванда. Аз 13 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, чунин овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, муқобил – нест, зид – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ** **Бобоев Х.Ю.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Холов М.Ш.**

17 июли соли 2026

Ҷ.М.